**Ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Алии Таҳассурӣ дар мавзӯи «Инкишофи соҳибкории хурду миёна дар шароити таҳрими иқтисодӣ (дар мисоли саноати устони Курдистони Ҷумҳурии исломии Эрон)» барои дарёфти унвони номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.14 - Иқтисодиёти ҷаҳон; 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёти саноат)**

Ҷумҳурии Исломии Эрон давраи душвори иқтисодӣ ва сиёсиро аз сар гузаронида истодааст, ки натиҷаи он таҳримҳои иқтисодии мамлакатҳои ғарб нисбати кишвари Эрон пешбинишуда мебошад.

Таҳримҳои иқтисодӣ, ки ба вайрон кардани пояҳои суботи иқтисодӣ ниғаронида шудаанд, масъалаи ҷустуҷӯи роҳҳои нави рушди тамоми соҳаҳои иқисодиётро ба миён гузошт. Яке аз роҳҳои самараноки ҳалли ин масъала инкишоф додани соҳибкории хурду миёна дар тамоми манотиқи кишвар ба ҳисоб меравад. Рушди соҳибкории хурду миёна дар шароити таҳрими иқтисодӣ дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи Ҷумҳурии Исломии Эрон яке аз самтҳои асосии ислоҳоти иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, ки ба бартарафкунии омилҳои манфии ба рушди иқтисодиёт таъсиррасон мусоидат мекунад ва рушди босуботи иқтисодиёти Эронро аз ҳисоби имкониятҳо ва захираҳо таъмин намудан имконпазир аст.

Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки далелҳои дар боло овардашуда муҳиммияти мавзӯи интихобшудаи диссертант Алии Таҳассуриро муайян мекунанд, аҳамияти илмӣ ва амалии онро тасдиқ менамоянд.

Дар автореферат муаллиф мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро ба таври возеҳу равшан муайян кардааст, ки имкон дод усулҳои илмии асосноккардашударо истифода намуда, натиҷаҳои ба даст омада, хулосаҳо ва пешниҳодҳои ҷолиб баён намояд.

Дар асоси таҳлил ва баррасии адабиётҳои зиёди илмӣ муаллиф тавонистааст, ки ба масъалаҳои назариявии инкишофи соҳибкории хурду миёна равшанӣ андозад, омилҳои инкишофи корхонаҳои хурду

миёнаи Ҷумҳурии Исломии Эронро дар мисоли музофоти Курдистон таҳлил ва баррасӣ намояд, самтҳои афзалиятноки инкишофи соҳибкории хурду миёнаро дар минтақаҳои Эрон ошкор намояд.

Дар автореферат модели иқтисодӣ-риёзии аз тарафи муаллиф кор карда баромадашуда ҷолиби диққат мебошад, ки мақсади он муайян кардани самтҳои рушди содироти корхонаҳои хурду миёна бо назардошти ҳамроҳшавии Эрон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо мебошад. Дар асоси модели иқтисодӣ-риёзӣ муаллиф индикаторҳои афзалиятноки рушди неруи содиротии корхонаҳои хурду миёнаро муайян кардааст, аз ҷумла муаллиф ба онҳо дохил мекунад: фаъолияти бозоршиносӣ, сиёсати содиротӣ, борҷомакунӣ, сохори соҳавии саноат, бадалпазирии асъори миллӣ, нархи маҳсулот, рақибон ва рафтори онҳо дар бозор.

Инчунин муаллиф дар авореферат модели консептуалии таҳқиқотиро истифода кардааст, ки дар натиҷа он мушкилотҳои рушди корхонаҳои хурду миёна ошкор карда шуда, самтҳои муҳимтарини дастгирии давлатии корхонаҳои хурду миёнаро дар сатҳи минтақа пешниҳод намудааст. Дар баробари ин, муаллиф ба масъалаҳои инкишофи корхонаҳои хурду миёна диққат дода, омилҳои ҷойгиркунонии онҳоро дар музофоти Курдистон муайян кардааст.

Новобаста аз мавҷуд будани арзиши баланди илмӣ, дар кор баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи он ба сифати кор таъсир мерасонад:

1. Дар автореферат оқибатҳои манфии таҳрими иқтисодӣ баррасӣ карда нашудааст.

2. Дар автореферат доир ба шумораи корхонаҳои хурду миёна таҳлилҳои муаллиф оварда нашудааст.

3. Дар автореферат баъзе норасоиҳои характери имлоӣ ва техникидошта ба назар мерасанд.

Мавзӯи диссертатсионии Алии Таҳассуриро дар мавзуи «Инкишофи соҳибкории хурду миёна дар шароити таҳрими иқтисодӣ

(дар мисоли саноати устони Курдистони Ҷумҳурии исломии Эрон)» кори ба анҷом расонида шуда ҳисобидан мумкин аст, ки ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад, муаллифи он бошад - Алии Таҳассурӣ сазовори дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси аз рӯи ихтисоси 08.00.14 - Иқтисодиёти ҷаҳон; 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёти саноат) мебошад.

**Муқарриз, доктори илмҳои иқтисодӣ мудири кафедраи иқтисодиёт ва логистикаи нақлиётии ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ** **Ҳамроев Ф.М.**

**Суроға: 734042, ш.Душанбе,**
**хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10.**
**Тел.: (+992 37) 227-02-45, E-mail: ttu@ttu.tj**

**«Имзои Хамроев Фузайлӣ Маҳмадалиевичро тасдиқ мекунам»,**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ** **Шарипова Д.А.**